**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (992 37) 2 21 18 35, факс: (992 372) 21 75 25

# ФАРМОИШ

аз «14» 04 с.2015, №319 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани
Низомномаи намунавии идоракунии
шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию
санитарии ноҳия (шаҳр)

Бо мақсади такмил ва батанзимдарории самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ҷумҳурӣ дар доираи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 марти соли 2014, №148

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Низомномаи намунавии идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ба сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, ш.Душанбе ва менеҷерони шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад, ки фаъолияти муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро тибқи тартиби муқаррааргардида ва Низомномаи намунавӣ ба роҳ монда, низомномаи идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳиявӣ/шаҳриро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд (мухлат 1 моҳ).
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Н. Салимзода

БАРОИ ФАРМОНҲО ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

39. Аъзоёни комиссияи тафтишотӣ (аудитор) ҳуқуқ доранд аз шахсони вазифадор ва ҳайати кормандони маъмурияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва баёнотҳои шахсиро талаб намоянд.
40. Комиссияи тафтишотӣ (аудитор) натиҷаҳои санҷишро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва Муассиси шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) манзур менамояд.
41. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо мақсади таъмини пурраи нигоҳдорӣ, ҳамасола барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) амволи арзишнок ва воситаҳои асосии муассисаҳоро мегузаронад.

### 9. Муқаррароти хотимавӣ

42. Низомномаи идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр) ва тағйироту иловаҳои ба он воридшуда аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.
43. Такмилу азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳии маъмурияти идоракунии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида сурат мегирад.
44. Амволи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки баъд аз қонеъ гардонидани талаботҳои қарздиҳандагон, инчунин, аз ҳисоби воситаҳои хусусӣ ба даст даровардa шудаанд, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.

Замима
ба фармоиши Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Низомномаи намунавии идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур шакл, тартиб ва низоми идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро дар сатҳи ноҳия (шаҳр) таъмин мекунад.
2. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) маҷмӯи ҳамаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)-

ро дар бар мегирад, ки онҳо муассисаҳои тиббию профилактикӣ буда, барои таъмини аҳолӣ бо кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ба тибби оилавӣ асосёфта ва бо кумакҳои махсусгардонидашуда дар зинаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ вазифадор мебошанд.

3. Идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр) ҳамчун низоми идоракунии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва қисми ҷудонопазири сохтори идоракунии тандурустии ноҳия (шаҳр) буда, аз ҷониби менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тавассути маъмурияти муқарраршуда сурат мегирад.
4. Маъмурияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ҳамчун воҳиди маъмурӣ ва шахси ҳуқуқӣ дар самти идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ба ҳисоб меравад. Роҳбари ин маъмурият менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мебошад.
5. Сохтори таркибии маъмурияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр):

- менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- муовини менеҷер оид ба корҳои табобатӣ;
- муовини менеҷер оид ба ташкили хизматрасониҳои тиббӣ ба модарону кӯдакон;
- муовини менеҷер оид ба корҳои ташкилӣ ва дастурӣ;

6. Маъмурияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар маркази саломатии ноҳия (шаҳр) чойгир буда, бевосита таҳти роҳбарии менеҷер фаъолият менамояд. Маъмурият бевосита ба менеҷер тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

## 2. Мақоми идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр)

7. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии (КАТС) ноҳия (шаҳр) аз ҷониби менеҷер идора карда мешавад. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар як вақт менеҷери маркази саломатии ноҳиявии (шаҳрии) ноҳия (шаҳр) буда, оиди идоракунии фаъолияти захираҳою инфрасохтори шабакаи муассисаҳои марбут ба сохтори КАТС-и ноҳия (шаҳр) шахси масъул мебошад.
8. Вазифаи менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ба рӯйхати асосии номенклатуравии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мебошад.
9. Ба вазифаи менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) шахси дорои маълумоти олии тиббӣ ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи ташкилотчии тандурустӣ дошта, пешниходу таъин мегардад.
10. Менеҷери шабакаи муассисаҳои КАТС-и ноҳия (шаҳр) тибқи тартиби

муқаррааргардида аз ҷониби вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

11. Муовинони менеҷер, сармуҳосиб бо пешниҳоди менеҷер бо роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда, аз ҷониби вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.
12. Дигар кормандони маъмурияту муассисаҳои сохтории кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) аз ҷониби менеҷер ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.
13. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бевосита ба роҳбари тандурустии маҳаллӣ (вилоят, ноҳия, шаҳр), Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.
14. Менеҷери шабакаи муассисаҳои сохтории кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)-ро дар асоси яккасардорӣ бо иштироки роҳбарони шабакаи муассисаҳои сохтории кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мутобиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ ва дастурамалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур, Низомномаҳои намунавии категорияҳои муассисахои сохтории КАТС, қарорҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (вилоят, ноҳия, шаҳр) ва фармоишҳои Раёсати тандурустии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, менеҷери сохтори госпиталии ноҳия (шаҳр) идора менамояд.

## 3. Вазъи ҳуқуқии идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр)

15. Дар маҳалҳои деҳотӣ ҳар як Маркази саломатии деҳотӣ якҷоя бо бунгоҳҳои саломатии вобаста ба мансубияти ҳудудӣ ба тобеияти он вобаста карда, як субъекти кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)-ро ташкил медиҳад ва роҳбари Маркази саломатии деҳотӣ барои фаъолияту истифодаи захираҳои бунгоҳҳои саломатии тобеи худ масъул мебошад.
16. Оинномаҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар асоси Низомномаи мазкур ва Низомномаҳои намунавии ин муассисаҳое, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, таҳия мегардад.
17. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) вазифаҳои оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ба принсипҳои тибби оилавӣ асосёфта ва хизматрасониҳои тиббии махсусгардонидашударо дар зинаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ иҷро менамоянд.
18. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар фаъолияти хизматрасонию идоракунӣ тибқи тартиб аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида

чараёни барномаҳои соҳавӣ, навовариҳои илму техника ва ғайраро ҷорию амалӣ менамояд.

19. Менеҷер дар доираи рушди системаи маблағгузории тандурустӣ тибқи тартиби муқарраргардида, аз номи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), ки онҳо ҷониби таъминкунандаи аҳолӣ бо хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ/тибби оилавӣ, инчунин, таъминкунандаи аҳолӣ бо хизматрасонии махсусгарданидашуда дар зинаи амбулаторию дармонгоҳӣ мебошанд, барои бастани шартнома бо сохтори масъул оид ба хариди хизматрасонии тиббӣ дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ваколатдор мебошад.

20. Менеҷер тибқи қарорҳою дастурамалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки онҳо мақомоти таъминкунандаи аҳолӣ бо хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ/тибби оилавӣ ва хизматрасониҳои махсусгардонидашуда дар зинаи КАТС мебошанд, барои бастани шартномаҳои хизматрасонӣ, ҳамчунин дар доираи амалишавии суғуртаи тиббӣ бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шахси ваколатдор мебошад.

21. Маблағгузории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) аз маблағгузории хадамоти бистаринамоӣ ҷудо буда, тибқи фармоишҳо ва дастурамалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

22. Маблағгузории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), ки аз рӯи механизми нави маблағгузорӣ ба ҳар як муассиса пешбинӣ ва тасдиқ гаштааст, тибқи тартиби муқарраргардида таъмин карда, истифодаи маблағҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар дигар хадамоти соҳа манъ аст.

23. Дар шӯъбаи маҳаллии хазинадорӣ харҷномаи алоҳидаи хароҷотҳо барои маблағгузории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ташкил мегардад.

24. Харҷномаи хароҷотҳо дар алоҳидагӣ барои муассисаҳо (зерсохторҳо)-и кӯмаки аввалия ва махсусгардонидашудаи тиббию санитарӣ дар зинаи муассисаҳои КАТС аз ҷониби менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тасдиқ гардида, барои иҷроиш ба шӯъбаи маҳаллии хазинадорӣ супорида мешавад.

25. Тақсимкунандаи асосии маблағҳо аз рӯи харҷномаи хароҷотҳои шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия менеҷер мебошад.
Хангоми ҷудо намудани маблағгузории шабакаи кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ оид ба амалиётҳои молиявии муассисаҳои (зерсохторҳои) кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ҳуқуқи имзои аввал ба менеҷер ва имзои дуюм ба сармуҳосиби муҳосиботи шабакаи муассисаҳои КАТС дода мешавад.

26. Дар варақаи хазинадории намунаи имзоҳо дар қисми «Имзои аввал» менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия нишон дода, дар қисми «Имзои дуюм» имзои сармуҳосиби шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ гузошта мешавад.

27. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) воҳиди маъмурӣ, шахси ҳуқуқӣ оиди идоракунӣ дар сохтори идоракунии тандурустии ноҳия (шаҳр) ва системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои мӯҳри даврӣ, мӯҳри кунҷӣ ва дигар намуди мӯҳрҳою тамғаҳои зарурӣ, бланк ва дигар нишонаҳои зарурӣ бо номнависи худ бо забони давлатӣ «Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), вилоят, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо забони русӣ «Сеть учреждений первичной медико-санитарной помощи района (города), области, Республики Таджикистан» мебошад.
Ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои бо ин номнависи мӯҳру тамғаҳо, имзо аз ҷониби менеҷери шабакаи муассисаҳои КАТС- и ноҳия (шаҳр) ва дар ҳолати набуданаш аз ҷониби муовин расман ваколатдор гузошта мешавад.
28. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) барои таъмини амният, нигоҳ доштан ва дуруст истифода намудани ин мӯҳрҳо, тамғаҳои зарурӣ, бланкҳо ва дигар нишонаҳои зикргардида шахси масъул мебошад.

## 4. Вазифаҳои менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)

**29. Вазифаҳои менеҷер:**

- идора намудани фаъолияти захираҳою инфрасохтори шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), ташкил намудан ва таъмини хизматрасонии кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ба тибби оилавӣ асосёфта ва кӯмаки махсусгардонидашуда мутобиқи сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба тандурустӣ, қонунгузорӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалишавии барномаҳои миллӣ ва соҳавӣ оид ба хизматрасонии тиббӣ ва саломатии аҳолӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр);
- таъмини ҳамохангсозии фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- мунтазам гузаронидани таҳлили вазъи саломатии аҳолии ноҳия (шаҳр) ва ташкили чорабиниҳои дахлдор;
- тибқи тартиби муқарраргардида ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техника ва таҷрибаҳои пешқадам оид ба хизматрасонии тиббию санитарӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- иҷрои саривақтии супоришҳо ва фармоишҳои Вазорати тандурустй ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- нақшаи такмили ихтисоси мутахассисони тиббиро таҳияву тасдиқ намуда барои таъмини он масъул мебошад;
- талабот ба кадрҳоро муайян ва ба сартабиб пешниҳод намуда, барои таъминоти кадрии муассисаҳои шабакаи КАТС, дар якҷоягӣ бо ҳукумати маҳалӣ ҳавасмандгардонии мутахассисони ҷавон (ҷудо намудани қитъаи замин ва ғайраҳо) масъул мебошад;
- тибқи тартиби муқаррагардида идора намудани чорабиниҳои ташкилу

гузаронидани экспертизаи корношоямии муваққатӣ бо сабаби беморию ҷароҳатбардорӣ;

- тибқи тартиби аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида бо истифодаи дастурамалҳои мавриди амал қарордошта, ҷорию идора намудани ҷараёни бизнес-нақшагирии ҳарсола дар сатҳи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия, таъмини назорати амалишавии бизнес нақшаҳо тавассути мониторингу арзёбии мунтазам, таҳия ва амалӣ намудани бизнес нақшаи КАТС- и муттаҳидкардашуда, истифодаи бизнес-нақшагирӣ дар идоракунии муассисаҳо ва арзёбии самаранокии онҳо;
- ҷорӣ намудани стандарҳо ва дастурҳои клиникии ташхису табобати беморон, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд;
- банақшагирию идоракунии захираҳои инсонии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶумҳурииТоҷикистон муқарраршуда;
- баланд бардоштани ҳавасмандкунии кадрҳо, аз он ҷумла, тибқи тартиби муқарраргардида барои мукофотонидан пешниҳод намудан, мусоидат оиди пешравии мансабии кадрҳои лаёқатманд, баҳодиҳӣ ба фаъолияту иҷроиши вазифаҳои касбии онҳо;
- мусоидат ва бозомӯзонидани кадрҳои тиббии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ноҳия (шаҳр) оид ба тибби оилавӣ, дастгирӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳо оид ба таҳсили муттасили тиббӣ ва таълими баъдидипломии мутахассисони тибби оилавӣ ва дигар мутахассисони муассисаҳои сохтории КАТС ва ба ин восита мусоидат намудан барои гирифтани дараҷаҳои тахассусокӣ, сертификат;
- тавассути чорабиниҳои таълимии гуногун мусоидат намудан барои баланд бардоштани савияи донишу малакаи роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) оид ба идоракунӣ, банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва самаранок истифода гаштани маблағу дигар захираҳои мавҷуда, инчунин, баланд бардоштани донишу малакаи мутахассисони тиббӣ доир ба ихтисоси онҳо;
- дар асоси меъёрҳои мавҷуда таҳия, бо мақомоти молиявии маҳаллӣ мувофиқасозӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ намудани басти воҳидҳои корӣ ва сохтори таркибии он дар ноҳия (шаҳр), идора намудани таъмини ишғоли вазифаҳои холӣ ва масъалаҳои тарификатсия ва музди меҳнат;
- мунтазам ва саривақт хабардор намудани роҳбарону кормандони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) оид ба қонунҳо, қарорҳои доир ба ҳифзи саломатии аҳолӣ ва тандурустӣ қабулгашта;
- идора намудани маблағгузории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мутобиқи фармоишҳо ва дастуруламалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мутобиқи Низомномаи мазкур;
- якҷоя бо роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии

ноҳия (шаҳр) тибқи талаботи муқарраргардида таҳия ва пешниҳод намудани лоиҳаи буҷети ҳарсолаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);

- тақсим намудан ва идораи ҷараёни маблағгузорӣ ва таъмини иҷроиши сметаи хароҷотии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ тибқи тартиби аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ва таъмини назорати иҷроиши он;
- тибқи тартиби муқарраргардида таъмин намудани хариди доруворӣ ба таври муттамарказ, маводҳои тиббӣ ва ғайритиббӣ барои шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мутобиқи дархости хаттии роҳбарони онҳо дар доираи нишондодҳои харҷномаи хароҷотии муасиссаҳо;
- дар доираи ваколатҳои худ тавассути мониторинг гузаронидани назорат оид ба фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), сифати хизматрасонӣ, идоракунии иттилоот, нишондодҳо, буҷет ва идоракунӣ;
- таъмини фаъолияти системаи иттилоотӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тибқи тартиби аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ва сифату дақиқии иттилоот, таҳлили онҳо ва истифодаи натиҷаҳои таҳлил дар қабули қарорҳои дахлдор доир ба фаъолияти шабакаи муассисаҳои КАТС;
- мунтазам таъмин намудани шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо маводҳои бақайдгирию ҳисоботии аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида;
- тибқи тартиби муқарраргардида таъмин намудани низоми ҳисоботӣ оид ба фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- ташкилу ҳамоҳангсозии тарғиботи масъалаҳои саломатӣ дар сатҳи аҳолӣ бо мақсади баланд гаштани маърифатнокии табақаҳои гуногуни аҳолӣ оид ба тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо ва мустаҳкам намудани саломатӣ;
- дар ҳамкорӣ бо Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҳамоҳангсозии фаъолияти шабакаи муассисаҳои КАТС дар сатҳи ҷомеа оиди тарғиботи масъалаҳои пешгирии бемориҳо ва ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҷалб намудани аҳолии маҳаллӣ ба масъалаҳои саломатӣ тавассути ташкил додани гуруҳҳои ҷомеавӣ, ҷалб намудани шахсони фаъол ва ё тавассути дигар усулҳои кор бо ҷомеаҳои маҳаллӣ ва ҳамкории самаранок;
- таъмин намудани ҳамкорию робитаи мунтазам бо маркази назорати санитарию эпидемиологии ноҳия (шаҳр), мунтазам дастрас намудани маълумотҳои навтарин доир ба ҳолати эпидемиологии ноҳия (шаҳр) ва ташкилу гузаронидани чорабиниҳои зидди эпидемиологию тиббӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- идора намудани ташкили чорабиниҳои махсус ва фавқулодда оиди тайёр намудани шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия

(шаҳр) тибқи тартиби муқarrargardida хизматрасонии тиббию санитарӣ ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулодда, гумон ва ё ба қайд гирифтани бемориҳои сироятии ниҳоят хатарнок;

- ташкили ҳамкории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо дигар зинаҳо ва муассисаҳои хизматрасонии тиббӣ, инчунин, бо сохторхои алоқаманд ва ҷамоатҳои махаллӣ дар масъалаҳои рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва бехтар намудани саломатии аҳолӣ ва ғайра;
- идора намудани инфрасохтори шабака муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) тавассути ташкили таъмиру таҷҳизонидан, нигоҳубини биною таҷҳизотҳои муассисаҳо, баҳисобгирии маводҳои моддии қимматнок (таҷҳизотҳо новобаста аз манбаи маблағгузорӣ) харидоригардида дар сатҳи муассисаҳо, гузаронидани инвентаризатсияи (барӯйхатгирии) биноҳо ва таҷҳизотҳо, тартиби нигоҳдорӣ ва истифодаи бехатарии онҳо;
- тибқи тартиби муқarrargardida ташкил намудани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ба кормандони корхонаҳои вобаста кардашудаи истеҳсолӣ ва нақлиёт, корхонаҳои сохтмонӣ, дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва ғ.;
- назорати риоя намудани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат дар шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- тибқи тартиби мукarrargardida огоҳ намудани мақомоти минтақавии назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ оиди бемориҳои сироятӣ, паразитӣ ва касбӣ, оризаҳои баъди иммунизатсия, бемориҳо ва заҳролудшавиҳои алоҳидаю гурӯҳию оммавӣ ва камбудию мушкилотҳои ошкоршуда дар доираи талаботҳои санитарию беҳдоштӣ;
- огоҳ намудани мақомоти минтақавии идоракунии тандурустӣ оид ба ҳодисаҳои нохуш, оризаҳои баъдиэмкунӣ ва дигар оризаҳои муоличавию ташхисӣ, бемориҳои гурӯҳию оммавӣ, инчунин оид ба марги маҷбурии одамон.

## 5. Ҳуқуқҳои менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)

- идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мутобиқи Низомномаи мазкур ва Низомномаҳои намунавии категорияҳои ин муассисаҳо;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногуни таълимӣ (лексияҳо, семинарҳо, сессияҳои корӣ, машваратҳо) оид ба масъалаҳои клиникӣ, идоракунӣ, маблағгузорӣ, банақшагирӣ ва ғайра барои кормандони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- тибқи тартиби муқarrargardida ирсол намудани пешниҳодҳо ба сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, мақомоти дахлдори идоракунии тандурустӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ оид ба масъалаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва саломатии аҳолӣ;
- аз номи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр), ки онҳо таъминкунандаи аҳолӣ бо хизматрасонии тиббӣ мебошанд, бастани қарордодҳо бо сохтори ваколатдор оид ба харид намудани

хизматрасонии тиббӣ дар системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонии тиббию санитарӣ дар сатҳи КАТС-и ноҳия (шаҳр);

- намояндагӣ ва ҳимояи манфиати шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- тасдиқ намудани ҷадвали басти воҳидҳои корӣ дар доираи воҳидҳои кории муқарраргардида тибқи сохтори тасдиқгардида;
- дар доираи ваколатҳои худ қабули фармоишҳо, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ҳатмӣ мебошад;
- тибқи тартиби муқарраргардида бастани қарордодҳои меҳнатӣ бо кормандони шабакаи муассисаҳои сохтории кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр);
- дар доираи тартиби муқарраргардида ташкилу амалисозии ҳамкорӣ бо лоиҳаҳои инвеститсионӣ (ташкилотҳои амаликунандаи онҳо) оид ба кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои дахлдор бо онҳо;
- ҳимояи манфиатҳои шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию ғайридавлатӣ ва дигар сохторҳо;
- амалӣ намудани дигар салоҳиятҳо тибҳи низомномаи намунавӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

30. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) барои таъмин намудани иҷрои вазифаҳои зикргардида ва идора намудани ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) шахси масъул мебошад.

## 6. Фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр)

31. Фаъолияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) дар асоси қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳою дастурамалҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунавии онҳо ва Низомномаи мазкур ба роҳ монда мешавад.

## 7. Амвол ва сарчашмаҳои маблағгузори

32. Амволи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) маблағҳои асосие, ки аз тарафи буҷети маҳаллӣ барои идоракунии фаврӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, инчунин, дигар маблағҳое, ки аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳампардохт ворид шудаанд, ташкил медиҳад.

Сарчашмаҳои маблағгузории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр):

- маблағҳо ва амволи буҷети маҳаллӣ дар шакли маблағгузории буҷетӣ;
- маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасониҳои музднок ва ҳампардохт ба даст омадаанд;
- бурсияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла барои амалӣ намудани муқаррароти фаъолияти низомномавӣ;
- маблағгузориҳои инфиродии эҳсонкорӣ.

33. Харҷномаи хароҷотҳо аз рӯи маблағҳои махсус (хизматрасониҳои пулакӣ) аз тарафи Менеҷери шабакаи муассисаҳои КАТС- и ноҳия (шаҳр) тасдиқ карда шуда, ба шӯъбаи маҳаллии хазинадорӣ пешниҳод карда мешавад.
34. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) мустақилона ба мақомоти давлатӣ оид ба андоз ва молиявӣ ҳисобот медиҳад.
35. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) ҳамаи амалиётҳои хазинавиро тибқи тартиби муқарраргардида анҷом медиҳад.

## 8. Баҳисобгирӣ ва назорат

36. Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) баҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибавии фаъолияти худро амалӣ месозад, ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавиро дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.
37. Ҷамъбасти фаъолияти хоҷагидории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) аз ҷониби Менеҷер дар ҳисоботи солона ва тавозун тибқи тартиби муқарраргардида, инъикос мeёбад.
38. Назорат аз болои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ ё аудит, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) таъин карда мешаванд, ба роҳ монда мешавад.
39. Аъзоёни комиссияи тафтишотӣ (аудитор) ҳуқуқ доранд аз шахсони вазифадор ва ҳайати кормандони маъмурияти шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва баёнотҳои шахсиро талаб намоянд.
40. Комиссияи тафтишоти (аудитор) натиҷаҳои санҷишро ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва Муассиси шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) манзур менамояд.
41. Менеҷери шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо мақсади таъмини пурраи нигоҳдорӣ, ҳамасола барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) амволи арзишнок ва воситаҳои асосии муассисаҳоро мегузаронад.

## 9. Муқаррароти хотимавӣ

42. Низомномаи идоракунии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар сатҳи ноҳия (шаҳр) ва тағйироту иловаҳои ба он воридшуда аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.
43. Такмилу азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳии маъмурияти идоракунии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия (шаҳр) бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида сурат мегирад.

Амволи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, ки баъд аз қонеъ гардонидани талаботҳои қарздиҳандагон, инчунин, аз ҳисоби воситаҳои хусусӣ ба даст дароварда шудаанд, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарад.